## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

«29» 03 соли 2023 ш.Душанбе

Диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода ба таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ бахшида шудааст. Дар баробари калимаву ибора ҷумла низ воҳиди меҳварии наҳви ҳар як забон ба шумор меравад, зеро онҳо бо ҳам алоқаи мустаҳкам дошта, дар дохили ҷумла бо ҳам якҷоя омӯхта мешаванд. Ҷумла ва ҷумласозӣ дар низоми наҳв мавқеи густурдаеро соҳиб аст, чунки таъмини мубодилаи афкор дар забон маҳз ба воситаи ҷумла имконпазир мегардад.

Забонҳои тоҷикиву англисӣ вижагиҳои ташаккули таърихии худро доранд, ки барои сохмони ҷумлаҳои гуногун заминаи асосӣ ба шумор меравaнд. Хусусиятҳои корбурди ҷумла, сохту таркиби ҷумлаҳои сода, роҳу усули шеваи баёни ҷумлаҳои сода, таснифоти ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати оҳангу мазмун ва сохт, тарзи ташаккули ҷумлаҳои мураккаб ва воситаҳои дастурии онҳо, вазифа ва ҷойгоҳи ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб ва муродифоти онҳо аз муҳимтарин масъалаҳои наҳви забонҳои зикршуда мебошанд.

Яке аз воҳидҳои муҳимми наҳви забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷумлаи мураккаб буда, аз ду ва зиёда ҷумлаҳои сода созмон меёбад ва дорои ягонагии маъно, сохт ва оҳанг аст.

Чун сухан аз қиёсу муқобалаи воҳидҳои мураккаби наҳв рафт, пажӯҳиши мо дар маҷрои забоншиносии муқоисавӣ қарор гирифта, бо ҷанбаи ҷадиде дар илми забоншиносӣ, ки мақсади аслии он таснифу қиёс ва таҳқиқу омӯзиши забонҳои хеш ва бегона аст, алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Ба ин тариқ, омӯзиш ва таҳқиқи типологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки ҳар яке аз лиҳози басомади генетикӣ ба оилаи гурӯҳҳои гуногун мансубанд, дар ҳоли ҳозир хеле мубрам буда, дар шинохти амиқи забонҳои гурӯҳҳои эронӣ ва германии оилаи ҳиндуаврупоӣ метавонад мусоидат намояд.

Асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ яке аз шоҳкориҳои насри ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, дар он масъалаҳои гуногуни муносибати ҷомеа, ашхоси гуногунмазҳабу гуногунақида бозтоб гардида, ба мавзуи пажӯҳиши мо маводи ғаниву фаровоне пешниҳод менамояд. Аз ин рӯ, интихоби мавзуи таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бар мабнои ин асар ва ҳалли ҷанбаҳои мухталифи он зимни маводи фаровони «Ёддоштҳо» мувофиқи мақсад аст.

Ҳадафи аслии пажӯҳиш, пеш аз ҳама, таҳқиқ, омӯзиш ва таҳлилу муқоисаи вижагиҳои фарққунандаи ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ба шумор меравад. Муҳаққиқ дар назди худ мақсад гузоштааст, ки зимни таҳқиқи ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ роҳҳои ифодаи ин анвои ҷумлаҳоро бо мисолҳои эътимоднок нишон диҳад.

Инчунин, дар диссертатсияи мазкур роҷеъ ба масъалаҳои назариявии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ҳол маълумоти муҳим ва эътимоднокро пешкаш кардааст. Мисолҳои пешниҳоднамудаи муҳаққиқ аз осори ин нависандаи маъруф мубрам ва саривақтӣ буда, фикру андешаҳои муаллифи рисоларо тасдиқ менамоянд.

Навгонии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки таҳқиқ ва омӯзиши таҳқиқи ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бар мабнои асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ, ки то айни замон омӯхта нашудааст, бори аввал мавриди таҳқиқи муфассал ва ҳаматарафа қарор дода шудааст ва натиҷаҳои он ба пажуҳишгарону таҳқиқотчиён ва олимоне, ки соҳаҳои мухталифи унсурҳои забони муосири тоҷикиро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, ҳамчун маводи пурарзиш хизмат менамояд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30-июни соли 2021, таҳти №287 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 14 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ нашр шудаанд ва феҳристи он дар охири автореферат

оварда шудааст, инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ ва теъдоди онҳо, ки 15-тоанд, фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия буда, ба талаботи банди 34-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти № 287 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсияи мавриди назар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф, ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия, дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъин шудааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, ки дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст, барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ва қиёсӣ мувофиқ ҳастанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия медиҳад:

**- Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна** - доктори илми филология, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**- Соҳибназарова Ҳавасмо Тиллоевна** - номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар**: Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви комиссияи ташхис Ҷамшедов П.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор
узви комиссияи ташхис Саидзода Ҳ. А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС